Ба шумо ҳамчун узви комиссияи интихоботӣ дар вақти интихобот масъулияти бисёр муҳим вогузор мешавад. Аз миёни шахсоне, ки дар баргузории интихобот иштирок мекунанд, шумо бевосита бо интихобкунандагон муошират хоҳед кард. Онҳо ҳангоми овоз додан дар рӯзи интихобот ба шумо нигоҳ хоҳанд кард. Аз он ки шумо ӯҳдадориҳои худро чӣ гуна иҷро хоҳед кард, дараҷаи боварии интихобкунандагон ба тамоми ҷараёни интихобот бисёр вобаста аст.

Дар ёд дошта бошед, ки аз замони таъйини шумо то замони баргузории интихобот вазифаи асосии шумо иборат аз он аст, ки ба ҳамаи интихобкунандагон баробар ва поквиҷдонона хидмат кунед. Шумо бояд назарҳои шахсӣ ва тамоюлҳои сиёсии худро ба як тараф монед.

Узви комиссияи интихоботӣ ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои худ бояд беғараз ва бетараф бошад. (Моддаи 18)

Ин масъулияти муқаддас аст. Ҳар як рафтори шумо бояд дар асоси меъёрҳои муҳимми зерин сурат гирад:

- Принсипнокӣ
- Бетарафӣ
- Самимият
- Дақиқкорӣ

Ҳангоми баргузории интихобот дар маҳаллаи интихоботии худ аз меъёрҳои фавқуззикр дур наравед.

Дар Моддаи 58 Қонун гуфта мешавад: «Шахсоне, ки аз роҳи зӯроварӣ, таҳдид ё роҳҳои дигар ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои озодона амалӣ кардани ҳаққи интихоб кардан ва интихоб шудан, бурдани таблиғи пешазинтихоботӣ мамониат мекунанд ва ҳамчунин узвҳои комиссияҳои интихобтӣ, шахсони мансабдори органҳои давлатӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ, ки дар ҳуҷҷатҳои интихоботӣ тақаллуб мекунанд, овозҳоро қасдан нодуруст ҳисоб менамоянд, сирри овоздиҳиро ошкор месозанд ё ба дигар вайронкуниҳои Қонуни мазкур роҳ додаанд, дар назди Қонун масъул мебошанд».

# II. САЛОҲИЯТҲОИ КОМИССИЯИ ИНТИХОБОТИИ МАҲАЛЛА (УЧАСТКА)

Комиссияҳои интихоботии маҳаллаҳо 45 рӯз пеш аз интихобот аз тарафи комиссияи интихоботии болоӣ ташкил мешаванд ва аз раис, муовини раис, котиб ва аз 2 то 16 аъзо иборат мебошанд.

Моддаи 17-и Қонун дар бораи интихоботи парламент дар Тоҷикистон муқаррар мекунад, ки комиссияи интихоботии маҳалла (участка):

1. рӯйхати интихобкунандагони маҳалларо тартиб медиҳад;

2. интихобкунандагонро бо рӯйихати интихобкунандагон шинос менамояд, аризаю шикоятҳоро оид ба саҳву хатоҳои рӯйихат дида мебароянд ва масъалаи ба рӯйихат даровардани тағйироти дахлдорро ҳал мекунад;
3. аҳолиро аз қароргоҳи комиссияи участкавии интихобот ва вақти кори он, инчунин аз рӯзи интихобот ва ҷои овоздиҳӣ огоҳ мекунад;
4. бинои овоздиҳҷ ва қуттию таҷҳизоти дигари интихоботиро омода месозад;
5. овоздиҳиро дар рӯзи интихобот дар участкаи интихобот ташкил менамояд;
6. шумораи овозҳои дар участкаи интихобот додашударо ҳисоб мекунад;
7. арзу шикоятҳоро оид ба масъалаҳои тайёрии интихобот ва ташкили овоздиҳҷ баррасҷ намуда, аз рӯи онҳо қарор қабул менамояд;
8. мувофиқи ин Қонун ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатҳои дигарро иҷро мекунад.

## III. ИНТИХОБОТ

Дар Рӯзи Интихобот – 27 феврал ба ҳар интихобкунанда дар Тоҷикистон барои овоздиҳӣ аз 3 то 5 бюллетен (варақаи овоздиҳӣ), вобаста аз маҳалли зисташон, дода мешавад, барои:

- Як намоянда ба Маҷлиси Намояндагон, ки ҳавзаи шуморо намояндагӣ хоҳад кард. Ҳар интихобкунанда бояд як номзадро аз ҳизбҳо ё номзади мустақил интихоб кунад. 41 узви палатаи поёнии Маҷлиси олӣ дар саросари ҷумҳурӣ – як нафарӣ аз ҳар ҳавза интихоб карда мешаванд.
- Овоздиҳи мутобиқи рӯйхати якҳизбӣ. Ҳар интихобкунанда ба як ҳизби сиёсӣ овоз хоҳад дод. Ҳар ҳизбе, ки дар интихобот мубориза мебарад, рӯйхати номзадҳои худро ба 22 ҷои боқимондаи палатаи поёнии Маҷлиси намояндагон дорад. Ҷой мутобиқи таносуби шумораи овозҳои гирифтаи ҳизбҳо тақсим хоҳад шуд.
- Як намоянда ба маҷлиси маҳаллӣ. Интихобкунандагон як номзадро аз як ҳизби сиёсӣ ё номзади мустақил интихоб хоҳанд кард.

Интихобот 27 феврал аз соати 6.00 субҳ то 8.00 бегоҳ баргузор мегардад.

## IV. НОЗИРОН

Омодагӣ ва баргузории аъзоёни Маҷлиси Миллӣ ва вакилони Маҷлиси Намояндагон аз тарафи комиссияҳои интихоботӣ бо раванди возеҳу равшан ва ошкорбаёнӣ сурат хоҳад гирифт. (Моддаи 8).

Бо мақсади таъмини возеҳу равшан будани чараёни интихобот дар қонун муқаррароте пешбинӣ шудаанд, ки ба номзадҳо, намояндагони ҳизбҳо, аъзоёни комиссияҳои интихоботии болоӣ, нозирон ва воситаҳои ахбори умум имкон медиҳанд то дар фаъолияти гуногуни пеш аз интихоботӣ ва интихоботӣ иштирок кунанд. Асосан, се гурӯҳи нозирони интихобот мавҷуданд:

- Шахсони боваринок, ки ҳамчун намояндаи ҳизбҳо ва номзадҳо сабти ном шудаанд.
- Нозирони интихобот, ки ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳоро муаррифӣ мекунанд.
- Нозирони байналмилалии интихобот, ки кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалиро муаррифӣ мекунанд.

## ВАКОЛАТҲО (МАНДАТҲО)

Комиссияҳои ҳавзаӣ бояд ба шахсони боваринок гувоҳнома (удостверение) диҳанд. Нозирони маҳаллӣ бояд бо худ гувоҳномаи шахсӣ ва шаҳодатнома дошта бошанд, ки созмонҳои пуштибон ба онҳо додаанд ва дар он бояд номи пурра, маҳалли зист, шумораи маҳаллаҳои интихоботӣ ва номи комиссияи интихоботӣ сабт шуда бошад, ки аз болои он назорат мешавад. Барои нозирони байналмилалӣ кофист, ки бо худ картаи аккредитатсионӣ (баргаи сабти расмӣ) дошта бошанд, ки Комиссияи Марказии интихобот ва баргузории ҳамапурсӣ ба онҳо додааст.

ҳузур ва назорати шахсони боваринок ва нозирони таъин шуда мусоидат мекунад ба:

- озод ва ошкор шудани интихобот барои ҷамъият, номзадҳо, ҳизбҳои сиёсӣ; баланд бардоштани боварӣ ба худи чараёни интихобот;
- аз байн бурдани нобоварии ҷомеа ба аҳамияти чараёни интихобот ва иштироки ҳар як интихобкунанда;
- нигоҳ доштани онҳое, ки усули тарсонидан ва харидани интихобкунандагонро истифода мебаранд;
- коҳиш додани эҳтимоли пайдошавии аризаҳои (изҳоротҳои) бедалел ё гумроҳкунанда;
- аз роҳи назорат, гузоришҳо ва эродҳо пешниҳод кардани маълумот, ки кормандони органҳои интихоботӣ бо истифодаи он метавонанд ба чараёни интихобот баҳо диҳанд ва беҳсозии онро пешбинӣ кунанд.

## НАҚШИ ШАХСОНИ БОВАРИНОК

Ҳар номзад, ҳизби сиёсӣ ҳуқуқ дорад, ки барои муаррифии манфиати худ дар муносибатҳои мутақобила бо комиссияи интихоботӣ шахсони боваринокро таъйин кунад.

Шахсони боваринок ҳақ доранд, ки:

- дар маҷлисҳои Комиссияҳои интихоботӣ иштирок кунанд;

- дар маҳаллаҳои интихоботӣ, аз ҷумла дар маҳаллаҳои овоздиҳии воҳидҳои низомӣ ҳангоми гузаронидани овоздиҳӣ, ҳисоби овозҳо ва ҷамъбасти натиҷаҳои овоздиҳӣ ҳозир бошанд;
- бо ҳуҷҷатҳои комиссияҳои интихоботӣ ва ҳамчунин қарорҳои натиҷаҳои овоздиҳӣ шинос шаванд;
- қарорҳо ва фаъолиятҳои (бефаъолиятии) комиссияҳои интихоботиро таҷдиди назар (тафтиш) кунанд ва дар баррасии шикоятҳо ва аризаҳо (изҳорот) иштирок намоянд.

Шахсони боваринок ҳақ надоранд, ки:

- Дар кори комиссияҳои интихоботӣ иштирок намоянд.
- Дар бинои овоздиҳӣ ба ҷои интихобкунанда барои гирифтани булетен имзо гузоранд ва онро пур кунанд.

Номзадҳо ҳуқуқ доранд, ки ҳар вақте шахсони бовариноки худро бозхонанд ва бояд дар ин бора комиссияи интихоботиро огоҳ кунанд. Пас аз ин комиссия гувоҳномаҳои ба ин шахсон додаро бекор мекунад.

Салоҳиятҳои шахсони боваринок якҷо бо бекор шудани мақоми иштироккунандаи ҷараёни интихоботӣ қатъ мешавад ва ҳамчунин гувоҳиномаи шахси бовваринок аз эътибор соқит дониста мешавад.

Намояндагони салоҳиятдор, ки аз тарафи ҳизбҳо ва номзадҳо таъйин шудаанд ва бо худ корти аккредитатсионӣ (гувоҳиномаи сабти расмӣ) доранд, ки комиссияҳои интихоботии мутобиқ ба онҳо додаанд, ваколатдоранд, то дар маҷлисҳои комиссияҳои интихоботӣ ва дар Рӯзи интихобот иштирок намоянд.

## НАҚШИ НОЗИРОН ДАР РӮЗИ ИНТИХОБОТ

Нозирони интихобот ҳуқуқ доранд, ки дар бинои овоздиҳӣ ҳозир бошанд ва ваколатдоранд, ки дар маҳаллаи интихоботӣ аз замони оғози кори он то замони ҳисоби овозҳо ва ҷамъбасти натиҷаҳо назорат баранд. (Моддаи 8). Онҳо ҳақ доранд, ки бо иҷозати раиси комиссия суолҳоро (масъалаҳоро) ба миён гузоранд, ҷавоби онҳоро талаб кунанд, таваҷҷӯҳи аъзоёни комиссия ва ҳозиронро ба ҳодисаҳо ва далелҳои риоя нашудани Қонун ҷалб намоянд.

Нозирон ҳақ надоранд, ки:

- Булетен диҳанд.
- Бо хоҳиши интихобкунанда ҳангоми гирифтани булетен ба ҷои ӯ имзо кунанд.
- Ба ҷои интихобкунанда дар булетон қайдҳо гузоранд.
- Бевосита дар ҳисоби овозҳо иштирок кунанд.
- Ба фаъолияти комиссия дахолат кунанд.
- Дар байни интихобкунандагон таблиғот баранд.
- Дар қабули қарорҳои комиссияҳои интихоботӣ иштирок намоянд.

*Ёддошт: Моддаи 8 Қонун пешбинӣ мекунад, ки дахолати намояндагони ҳизбҳо ва нозирон ба ҷараёни овоздиҳӣ ва фаъолияти комиссисяҳои интихоботӣ манъ карда мешавад. Онҳо ҳуқуқ доранд, ки суол диҳанд ва ҷавоби онро талаб кунанд ва танҳо бо иҷозати раиси комиссияҳои интихоботии мутобиқ диққати аъзоёни комиссия ва ҳозиронро ба ҳодисаҳои вайронкунии қонун ҷалб намоянд.*

## ВОСИТАҲОИ АХБОРИ УМУМ

Воситаҳои ахбори умум дар ҷараёни интихобот нақши бисёр муҳим мебозанд. Моддаи 8 Қонун пешбинӣ мекунад, ки намояндагони воситаҳои ахбори умум ҳуқуқ доранд, ки дар маҷлисҳои комиссияҳои интихоботӣ иштирок карда, дар рӯзи овоздиҳӣ дар маҳаллаи интихоботӣ то вақти ҳисоби овозҳо ҳозир бошанд.

Ҳуқуқи иштироки онҳо бояд бо ҳуҷҷатҳои лозимӣ тасдиқ шуда бошад. Воситаҳои ахбори умум аз ҷараёни омодагӣ ва баргузории интихобот гузориш медиҳанд (Модаи 8).

Шартҳои истифодаи баробар аз воситаҳои ахбори умум бояд ба номзадҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ кафолат дода шавад (Моддаи 39).

## V. ИНТИХОБКУНАНДАГОН

Дар Моддаи 24 Қонун гуфта мешавад: «Ба рӯйихати интихобкунандагон ҳамаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоикистон, ки то рӯзи интихобот 18-сола шудаанду ҳангоми тартиб додани рӯйихат дар ҳудуди участкаи дахлдори интихобот ба таври доимӣ ё муваққатӣ истиқомат мекунанд ва ҳуқуқи интихоботӣ доранд, дохил карда мешаванд.».

### 1. ТАҲИЯ ВА САНҶИШИ РӮЙХАТИ ИНТИХОБКУНАНДАГОН

Комиссияи интихоботии маҳаллаҳо бояд бар асоси маълумоти пешниҳодкардаи органҳои иҷрояи давлатии маҳаллии ҳукумат рӯйхати интихобкунандагонро тартиб диҳад. Рӯйхати интихобкунандагон дар қисмҳои ҳарбӣ (воҳидҳои низомӣ), беморхонаҳо, меҳмонхонаҳо ва ғайра бояд дар асоси маълумоти пешниҳодкардаи роҳбарони ташкилотҳои мазкур (яъне фармондеҳони қисмҳои ҳарбӣ) тартиб дода шавад.

Рӯйхат бояд дар ду нусха таҳия шавад. Тавсия мешавад, ки рӯйхати интихобкунандагон ба тартиби алифбо ё ҳар тартиби мувофиқ барои гузаронидани овоздиҳӣ таҳия шавад. Дар рӯйхати интихобкунандагон фамилия, ном, номи падар, соли таваллуд (дар синни 18 солагӣ – изофатан рӯз ва моҳи таваллуд), нишонии зисти доимии интихобкунанда сабт карда мешавад. Рӯйхатҳо бояд аз тарафи раиси Комиссияи маҳалла имзо карда шаванд. Ворид кардани тағйирот ба рӯйхати интихобкунандагон, пас аз овоздиҳӣ дар Рӯзи интихобот манъ аст.

## 2. ПЕШНИҲОД ВА ТАҒЙИРИ РӮЙХАТИ ИНТИХОБКУНАНДАГОН

Рӯйхати интихобкунандагон бояд на дертар аз 15 рӯзи тақвимӣ то рӯзи интихобот барои шиносоии умум пешниҳод карда шавад. Дар беморхонаҳо, истироҳатгоҳҳо, осоишгоҳҳо ва дигар ташкилотҳои Тоҷикистон 5 рӯз пеш бояд пешниҳод гардад. Ба шаҳрвандон имконият дода мешавад, ки дар биноҳои (қароргоҳҳои) Комиссияҳои интихоботӣ мутобиқ бо маълумоти пешниҳодшуда ошно шаванд ва дурустии онро санҷанд.

Ҳар як шаҳрванд ҳақ дорад, ки ба комиссияи интихоботии маҳалла ё ҳавза дар бораи ворид накардани ӯ ба рӯйхати интихобкунандагон арз кунад. Комиссияи интихоботӣ ӯҳдадор аст, ки дар тӯли 2 рӯз ва дар рӯзи овоздиҳӣ фавран ариза ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшударо санҷад ва арзкунандаро аз қарор ва тавзеҳоти худ огоҳ намояд.

*Ёддошт: Метавон қайдҳои лозимаро ба рӯйхати интихобкунандагон ворид сохт ва ба мавриди назари шаҳрвандон гузошт.*

# VI. ТО РӮЗИ ИНТИХОБОТ

Ҳамчун корманди комиссияи интихоботӣ ба шумо лозим аст, ки то рӯзи интихобот як қатор вазифаҳоро анҷом диҳед, ба ғайр аз он вазифаҳое, ки шумо ӯҳдадоред иҷро кунед ва вазифаҳое, ки ба санҷиши рӯйхати интихобкунандагон вобастаанд.

## 1. ОМОДАГӢ

- Қонун дар бораи Интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро омӯзед.
- Қарорҳо ва дастурҳои таҳиякардаи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ ва дигар комиссияҳои болоиро омӯзед.
- Дар ҳамаи маҷлисҳо ва машғулиятҳои омӯзишӣ иштирок кунед.
- Бо ҳамкорони худ якҷоя дастурҳои роҳнамои мазкурро омӯхта муҳокима кунед.
- Муайян ва ҳал кунед, ки кадоме аз ҳамкорон масъули кадом вазифа аст. Бо ҳамдигар ҳал кунед, ки ҳангоми ғоиб будани яке аз кормандон кадом ӯҳдадориҳо ба муддати кӯтоҳ ба корманди дигар вогузор мешаванд. Тартиби кории шумо бояд тавре муайян шавад, ки давомнокӣ ва дастрас будани чораёни овоздиҳиро дар тӯли рӯзи нитихобот таъмин намояд.
- Тафтиш кунед, ки оё шумо нишонӣ ва телефони комиссияи интихоботии ҳавзаи худро доред, то барои тавзеҳот ва машварат дар вақти интихобот ба он ҷо муроҷиат кунед. Телефони онро бинависед ва дар рӯзи интихобот онро бо худ дошта бошед.

## 2. АЗ НАЗАР ГУЗАРОНИДАНИ БИНОИ ОВОЗДИҲӢ ДАР МАҲАЛЛА

Камаш як ҳафта пеш аз рӯзи интихобот комиссияи болоӣ метавонад ба маҳаллаи интихоботӣ ташриф оварад, то дараҷаи омодагӣ ба интихоботро санҷад ва бо кормандоне, ки дар маҳаллаи интихоботӣ масъуланд, вохӯрад. Моддаи 40 Қонун пешбинӣ мекунад, ки органҳои иҷроияи маҳаллии ҳукумат бояд барои овоздиҳӣ биноеро бепул ба ихтиёри Комиссияи маҳалла вогузор кунанд.

Дар бинои интихоботӣ бояд кабинаҳо барои овоздиҳӣ ва ҷойҳои махсус барои овоздиҳии махфӣ ҷой дода шаванд. Дар бинои овоздиҳӣ ҷойи додани булетенҳои интихоботӣ, кабинаҳо ва қуттиҳои овоздиҳӣ бояд дар ҷои намоён ба аъзоёни Комиссияи интихоботӣ ва нозирон воқеъ бошанд.

<u>**Ҷойгиршавии пешниҳодӣ дар маҳаллаи интихоботӣ:**</u>




- Яқин ҳосил кунед, ки дар бинои овоздиҳӣ барои мизҳо ва курсиҳои кормандон ва нозирон ҷои кофӣ вуҷуд дорад. Дар ёд дошта бошед, ки кабинаҳо барои раъдиҳии махфӣ бояд равшан бошанд ва бо воситаҳои барои навиштан лозим ба ғайр аз қалам таъмин бошанд.
- Қуттиҳои овоздиҳӣ бояд тавре ҷойгир бошанд, ки интихобкунандагон ҳангоми ба он наздик шудан битавонанд аз кабинаҳое гузаранд, ки дар он булетенро ба таври махфӣ пур кунанд. (Моддаи 40).
- Лавҳаи махсус муҷаҳҳазшударо, ки дар он намунаҳо барои пур кардани булетенҳо ва маълумотҳо дар бораи ҳамаи номзадҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ мавҷуданд, аз назар гузаронед. Дар ин матнҳо набояд даъватҳои таблиғотӣ мавҷуд бошанд.
- Маслиҳат кунед, ки даромад ба бинои овоздиҳӣ аз соати 5.00 субҳ боз бошад, то шумо вақти кофӣ барои омодагии ниҳоии маҳаллаи интихобот ба овоздиҳӣ дошта бошед.

- Хонаҳои посбонишавандаро муайян кунед, ки дар он ҳуҷҷату қарорҳо дар бораи натиҷаҳои раъйдиҳӣ, булетенҳо ва қуттиҳои иловагӣ барои овоздиҳӣ дар тӯли рӯзи интихобот нигоҳдорӣ мешаванд. Ҳифозат ва амонати онҳоро дар тамоми ин рӯз таъмин намоед.
- Муқаррар кунед, ки дар охири рӯзи интихобот кадом хона барои муҳосибаи овоздиҳӣ истифода хоҳад шуд. Хона (утоқ) ва миз бояд ба ҳадди кофӣ калон бошанд, то шумо ва ҳамкорони шумо дар он ғунҷида тавонед.
- Мавҷудияти телефонро низ аз назар гузаронед, ки агар дар рӯзи интихобот машварат ё роҳбарон даркор шаванд, шумо аз телефон истифода кунед. Ба хонае, ки телефон дар он қарор дорад ва маъмулан баста аст, дастрасиро таъмин намоед. Ба комиссияи интихоботии болоӣ рақами телефонро диҳед, ки онҳо дар рӯзи интихобот бо шумо алоқа карда тавонанд.

## 3. БУЛЕТЕНИ ИНТИХОБОТӢ

Барои гузаронилани интихобот интихобкунанда булетени интихоботӣ мегирад, ки ҳуҷҷати ҷиддии ҳисобдиҳӣ мебошад.

Булетенҳои расмӣ дорои маълумоти зерин мебошанд:

- номи органе, ки дар он интихобот баргузор мешавад;
- рақами ҳавза;
- бо тартиби алифбо фамилия, ном, номи падар, соли таваллуд, ҷои зист, ҷои асосии кор ё навъи касби ҳар як номзад;

Дар ҳолати хориҷ шудани баъзе номзадҳо пас аз тайёр кардани булетенҳо комиссияҳои интихоботии ҳавза (маҳалла) бо дастури комиссисяҳои ҳавзагии интихобот дар булетенҳо маълумоти номзадҳои мазкурро хат мезананд.

**<u>Қуттиҳои овоздиҳӣ</u>**

Қуттиҳои овоздиҳӣ бояд мутобиқи намунаҳои муқарраркардаи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ сохта шаванд. Дар қатори қуттиҳои собит комиссия бояд қуттиҳои қобили интиқолро дар ихтиёр дошта бошад.

**<u>Мавод барои мӯҳру мум</u>**

Мавод барои мӯҳру мум ҷиҳати мӯҳр кардани қуттиҳои овоздиҳӣ, лифофаҳо ва пакетҳо дода мешавад.

**<u>Таъминот</u>**

Ҳар чӣ зудтар тасдиқи худро изҳор кунед, ки шумо миқдори кофии маводи лозим барои гузаронидани интихоботро дар ихтиёр доред. Аз феҳристи зерини маводу ашё барои санҷиши ҳамаи маводи лозим истифода баред.

## 4. ФЕҲРИСТИ МАВОДУ АШЁ

- Рӯйхати интихобкунандагон.
- Теъдоди кофии булетенҳо, то ба ҳар интихобкунандаи дар рӯйхатбуда имкон дода шавад, ки ба ҳамаи намудҳои овоздиҳӣ овоз диҳад.
- Формаҳо барои натиҷаҳои ниҳоии овоздиҳӣ (3-4 намуд)
- Қуттиҳои собит ва интиқолшаванда ва кабинаҳо барои овоздиҳии пинҳонӣ.
- Ручкаҳо, ки интихобкунандагон барои овоздиҳии махфӣ дар кабинаҳо истифода мекунанд.
- Мӯҳри сурбӣ, мӯҳрҳо барои мӯҳр кардани қуттиҳои овоздиҳӣ.
- Вараҳаҳо барои навиштани тавзеҳот дар бораи ҷараёни овоздиҳӣ ва ҳисоби овозҳо.
- Лифофаҳо барои ҷобаҷокунии ҳуҷҷатҳо, булетенҳо ва маводи дигари маҳаллаи интихоботӣ.
- Дастур барои маҳаллаи интихоботӣ ва санадҳои дигар дар ҳолати вуҷуд доштани онҳо.
- Қоидаҳо ё дастурҳои вогузоркардаи комиссияи интихоботӣ.
- Чароғҳо ё шамъҳо барои равшан кардани бино дар ҳолати қатъ гаштани барқ.

**ТАМОМИ МАВОДИ ИНТИХОБОТРО ДАР ХОНАИ ДОРОИ АМНИЯТ ВА БО ҚУЛФ МАҲКАМШУДА ТО РӮЗИ ИНТИХОБОТ НИГОҲ ДОРЕД!**

**Хонае, ки дар он булетенҳои интихоботӣ нигоҳ дошта мешаванд, мӯҳр карда шуда, барои посбонӣ ба органҳои корҳои дохила супорида мешавад.**

## 5. ТАРТИБ ДОДАНИ БУЛЕТЕНҲО ҲАНГОМИ ОВОЗДИҲИИ ПЕШ АЗ МӮҲЛАТ

Мутобиқи моддаи 26 «дар давраи пас аз пешниҳод кардани рӯйхати интихобкунандагон барои шиносоии умумӣ ва то рӯзи интихобот интихобкунандае, ки имкон надорад дар рӯзи интихобот дар маҳали зисти худ ҳозир бошад (рафтан ба маъмурият, муассисаи муолиҷавӣ ва сабабҳои дигар) ҳуқуқ дорад, ки бо нишон додани шиноснома ё ҳуҷҷати дигаре, ки шахсияти ӯро муайян мекунад, аз комиссияи интихоботии маҳалла булетен талаб кунад ва райъи худро дар муносибати номзад муайян намояд ва онро ба лифофа андохта, мӯҳр карда ба комиссияи интихоботии маҳалла диҳад.

Аъзоёни маҳаллаи интихоботӣ бояд овоздиҳии пеш аз мӯҳлатро бо сабти таърихи он сабт кунанд. Лифофаҳо бояд дар ҳузури интихобкунанда мӯҳр шуда, бо мӯҳр баста шаванд. Аъзоёни Комиссияи интихоботӣ барои сиҳҳату солим нигоҳдории лифофа масъул мебошанд.

# VII. ДАР РӮЗИ ИНТИХОБОТ, ТО ОҒОЗИ ОВОЗДИҲӢ

Ҳамаи аъзоёни комиссияи интихоботӣ, ки дар рӯзи интихобот дар маҳаллаи интихоботӣ машғул ҳастанд, бояд камаш як соат пеш аз оғози овоздиҳӣ ҷамъ оянд, то ҷои худро дар пушти мизи комиссияи интихоботӣ муайян кунанд ва бори дигар муайян шавад, ки кӣ чигуна масъулиятро ба ӯҳда дорад.

## 1. ТАШКИЛИ МАҲАЛЛАИ ИНТИХОБОТИИ ШУМО

Вазифаи нахустини шумо ташкили маҳаллаи интихоботӣ ва ҷо ба ҷо гузории ҷиҳоз мебошад ва агар маҳаллаи интихоботии шумо алакай ташкил шуда бошад, бори дигар аниқ кунед, ки дар навбати аввал тартиботи зерин риоят шавад:

- шумораи кофии интихобкунандагон аз тариқи давраҳои дархостшавандаи ҷараён;
- ҷараёни кофии равшан ва возеҳ барои интихобкунандагон ва нозирон;
- махфӣ будани овоздиҳӣ ва маҳфузу солим будани ҳуҷҷатҳои интихоботӣ.

**<u>Лавҳаҳо (плакатҳо)</u>**

То кушодани маҳаллаи интихоботӣ яқин ҳосил кунед, ки барои намунаҳои булетенҳо ва маълумот дар бораи номзадҳо ва ҳизбҳо ҷои мувофиқ ҷудо карда шудааст. Маълумот дар бораи номзадҳо ва ҳизбҳо набояд ҷанбаи таблиғотӣ дошта бошанд.

**<u>Ташкили ҷои овоздиҳӣ</u>**

Маҳаллаи интихоботӣ бояд ба шакле ташкил шавад, ки ба аъзоёни комиссияи интихоботӣ ва нозирон фароҳам оянд, то ба тақсими булетенҳо ба интихобкунандагон, овоздиҳӣ (ба масофае, ки махфӣ будани овоздиҳӣ таъмин шавад) ва ба қуттиҳои овоздиҳӣ назорат карда тавонанд.

- Боварӣ ҳосил кунед, ки кабинаҳои овоздиҳӣ тавре ташкил шудаанд, ки махфӣ будани овоздиҳиро таъмин намоянд. Ҳангоми набудани кабина барои овоздиҳӣ пардаеро ҷо ба ҷо кунед, ки интихобкунанда тавонад дар пушти он булетенро махфӣ пур кунад.
- Агар рӯйхати дар дасти шумо будаи интихобкунандагон бисёр дарозу тӯлонӣ бошад, бо маслиҳат онро метавон ба қисматҳое тақсим намуд, ки қобили кор бошанд. Дар ин ҳолат, теъдоди лозими мизҳо ва номи кӯчаҳоро бар мизҳо муқаррар кунед, то ба интихобкунандагон ёрӣ расонед, ки барои гирифтани булетен мизи даркориро ёбанд.
- Барои иҷрои ӯҳдадориҳои ҳар кадом аз аъзоёни комиссия, ки масъули мӯҳлати муайяни овоздиҳӣ мебошанд, ҷои (мақоми) лозимии кориро таъмин намоед.

## 2. ТАҚСИМИ ӮҲДАДОРИҲО

Ҷараёни овоздиҳии интихобкунандагон 5 давраи асосӣ дорад, ки ба ҳар кадоми он як корманди алоҳида масъул аст ва ё як нафар низ метавонад масъули ҳамаи онҳо бошад. Аз ҳама асосӣ он аст, ки дар назди миз одамон ҷамъ нашаванд ва ҷараёни додани булетенҳо дақиқ сурат гирад. Ин давраҳо иборатанд аз:

- Назорат бар навбати одамони даромадгоҳ, ба хотири он, ки дастгирӣ ба маҳаллаи интихоботӣ ва даробарои интихобкунандагон назорат шавад.
- Ташхиси интихобкунанда ва таъйини ҷои номи интихобкунанда дар рӯйхат.
- Додани булетени интихобкунанда, бо назардошти он ки тақсими булетенҳо дар миёни интихобкунандаҳо назорат карда шавад.
- Назорати махфӣ будани овоздиҳӣ дар тамоми давраи овоздиҳӣ дар ҷои овоздиҳӣ.
- Назорат бар қуттии овоздиҳӣ.

**Раис:**

- Ба ҷараёни умумии овоздиҳӣ роҳбарӣ мекунад;
- ба тақсими ӯҳдадориҳо дар байни узвҳои комиссия масъул аст;
- ҷадвали кору истироҳати аъзоёни комиссияи интихоботиро тавре таҳия мекунад, ки маҳаллаи интихоботӣ вақти интихобот пурра фаъолият кунад.

**То он замон, ки интихобкунандаи нахустин овоз медиҳад:**

Ин амалҳо бояд дар ҳузури аъзоёни комиссия, шахсони боваринок, нозирони аккредитатсияшуда ва интихобкунандагон иҷро гарданд. Мутобиқан муҳим аст, ки ин дархостҳо ҳамчун қадами ниҳоӣ дар омодагии овоздиҳӣ, вақте ки нозирон меоянд, ба анҷом расанд. Раис бояд:

- санҷад, ки ҳамаи қутиҳо барои овоздиҳӣ холӣ бошанд ва ба ҳамаи ҳозирон нишон диҳад, ки онҳо холианд;
- дар ҳузури комиссия ва нозирон қуттиро маҳкам ва мӯҳр кунад.
- Маълумоти зеринро дар ҳар нусхаи қарорҳо (қарорҳо) пур кунад:
  - Рақами ҳавза
  - Номи ҳавза
  - Рақами маҳаллаи интихоботӣ
  - Нишонӣ
  - Таърих ва маҳал
  - Шумораи интихобкунандагон дар рӯйхат (сатри А)
  - Шумораи булетенҳое, ки аз тарафи комиссияи интихоботии болоӣ ба комиссияи интихоботӣ дар асоси акти таҳвили булетен ва ворид кардани маълумот ба қарор (сатри Е)

**Ошкоро будан барои ҳамкорон, шахсони боваринок ва нозирони аккредитатсияшуда**

Ба раиси комиссия ё узви комиссия зарур аст, ки:

- ҳайати комиссияро ба нозирони аккредитатсияшуда шинос кунад;
- теъдоди интихобкунандагони дар рӯйхати интихоботӣ воридшударо эълон кунад;
- мухтасар дар бораи иқдомҳое маълумот диҳад, ки барои хидмат ба ҳар як интихобкунанда истифода бурда мешавад;
- тартиби овоздиҳӣ берун аз бинои овоздиҳиро шарҳ диҳад;
- дар бораи ҳуқуқҳои шахсони боваринок ва нозирон маълумот диҳад.

Агар Комиссияи марказии интихобот ва райъпурсӣ ё ҳар комиссияи дигари интихоботии болоӣ дар охирин лаҳзаҳо дастури махсусеро интишор диҳад, пас нозирон бояд то оғози овоздиҳӣ дар ин бора хабар дошта бошанд.

**Овоздиҳии пеш аз мӯҳлат**

- Райис бояд дар ҳузури аъзоёни комиссия, нозирон ва ҳозирин, теъдоди булетенҳои пеш аз мӯҳлат овоз дода шударо эълон дорад.
- Лифофаҳо бо булетенҳо ва рӯйхати онҳое, ки пеш аз мӯҳлат овоз додаанд, бояд барои санҷиш ба ҳозирон пешниҳод шавад.
- Пас аз санҷиш раис лифофаҳоро як ба як ҳамон тавр боз мекунад, ки қайди дар булетен гузошташударо канда накунад ва булетенро ба қуттии овоздиҳӣ меандозад.
- Теъдоди интихобокунандагон, ки пеш аз мӯҳлат овоз додаанд, бояд то оғози овоздиҳӣ ба қарор дохил карда шавад.
- Ибораи «Овоздиҳии пеш аз мӯҳлат» дар рӯ ба рӯи фамилияи чунин интихобкунанда дар рӯйхати интихобкунандагон сабт карда мешавад.

# VIII. ОВОЗДИҲӢ ОҒОЗ МЕШАВАД

Маҳали интихоботии шумо камаш бояд ним соат пеш аз оғози овоздиҳӣ бояд омода бошад. Муддате пештар аз соати 6 субҳ раиси комиссияи интихоботии маҳалла ҳамаи иқдомҳое, ки дар фасли гузашта зикр шудаанд, бояд анҷом диҳад. Дар соати 6 субҳ раиси комиссияи маҳалла ифтитоҳи расмии маҳаллаи интихоботиро эълон мекунад. Ба ҳар як интихобкунанда бояд ба таври алоҳида хидмат расонида шавад ва ба ҳама бояд дархостҳои яксон пешниҳод гардад.

- Ҳар интихобкунанда шахсан овоз медихад. Овоз додан ба ҷои каси дигар иҷозат дода намешавад.
- Пас аз ҳар чанд вақт кабинаҳои махсус муҷаҳҳазшуда ё дигар ҷойҳои муҷаҳҳазро, ки овоздиҳии махфӣ он ҷо сурат мегирад, аз назар гузаронед, то боварӣ ҳосил кунед, ки

интихобкунандагон булетенҳо ё ягон маводи таблиғиро он ҷо нагузоранд.

- Барои пешгирии дар навбатҳо зиёд шудани интихобкунандагон иқдомҳои лозимро ба роҳ монед.

*Ёддошт: Дар ҳолате, ки узви комиссияи интихобот, нозирон ва шахсони дигар, ба кори комиссияи интихобот халал расонидани шаванд, ё ба ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандон мамониат кунанд, ҳамчунин ба овоздиҳии пинҳонӣ халал расонданӣ шаванд, дар ин маврид узви комиссия фавран аз иштирок дар кори комиссия дур карда шуда, шахсони дигар аз бинои овоздиҳӣ хориҷ карда мешаванд. Дар ин бора комиссияи интихобот қарори дахлдор мебарорад. Моддаи 42.*

## ДАВРАҲОИ ХИЗМАТРАСОНӢ БА ИНТИХОБКУНАНДАГОН

### 1. Таъйини шахсияти интихобкунанда

- Булетенҳои интихоботӣ ба интихобкунандагоне, ки номашон ба рӯйхати интихобкунандагон ворид шудаанд, бо пешниҳоди шиномнома ё ҳуҷҷати дигари собиткунандаи шахсияти онон дода мешавад.
- Ҳуҷҷати собиткунандаи шахсияти интихобкунанда шиноснома ё ҳуҷҷате мебошад, ки онро иваз мекунад. Ҳуҷҷатҳои ба ҷои шиноснома пешниҳодшаванда иборатанд аз: гувоҳномаи афсарӣ, билети ҳарбии хизматчии ҳарбӣ, справка дар шакли муқарраршуда, ки органҳои корҳои дохилӣ додаанд, гувоҳномаи нафақахурӣ.

### 2. Қайд дар рӯйхати интихобкунандагон

- Номи интихобкунандаро дар рӯйхати интихобкунандагон пайдо кунед
- Аз ин интихобкунанда хоҳиш кунед, то тасдиқ кунад, ки рақам дуруст гузошта шудааст ва дар рӯйхати интихобкунандагон имзо гузоред.
- Интихобкунанда дарҳол пас аз гирифтани булетен дар рӯ ба рӯи фамилияи худ имзо мегузорад.

### 3. Додани булетен

- То супоридани булетен онро бодиққат аз назар гузаронед, то боварӣ ҳосил кунед, ки он дуруст мӯҳр зада шудааст.
- Ба интихобкунанда фаҳмонед, ки онро чӣ гуна пур кардан лозим аст ва дар вақти овоздиҳӣ онро ба куҷо андохтан лозим меояд.
- Вақте ҷои муҷаҳҳази дигар озод аст, ки дар он овоздиҳии махфӣ сурат мегирад, булетенро ба интихобкунанда (яктоӣ ба ҳар намуди овоздиҳӣ) диҳед ва ба ӯ фаҳмонед, ки барои пур кардани булетен ба куҷо бояд равад ва онро барои овоздиҳӣ ба куҷо андозад ва баъд маҳаллаи интихоботиро тарк кунад.

## 4. Овоздиҳӣ

- Интихобкунанда бедиранг бояд дар кабинаи махсуси муҷаҳҳаз ё ҷои дигари муҷаҳҳаз овоз диҳад, ки ҳузури шахсони дигар иҷозат дода намешавад ва ӯ бояд фамилияи номзадро ё ҳизбҳои сиёсиеро, ки бар зидди он овоз медиҳад, хат занад.
- Фақат ба як одам иҷозат диҳед, ки дар кабинаи овоздиҳӣ бошад, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки ба овоздиҳанда ёрӣ лозим бошад, ки он мутобиқи моддаи 42 пешбинӣ шудааст,.
- Интихобкунанда булетенро ба қуттии овоздиҳӣ мепартояд (меандозад) ва маҳаллаи интихоботиро тарк мекунад
- Комиссия бояд ба он назорат кунад, ки ҳар як интихобкунанда ба қуттии овоздиҳӣ барои ҳар як намуди овоздиҳӣ як булетен партояд.

## АГАР ҲАНГОМИ ПУР КАРДАНИ БУЛЕТЕН ХАТО СОДИР ШАВАД

Агар интихобкунанда ҳангоми пур кардани булетен хато содир кунад, ҳақ дорад, ки булетени нав гирад. Узви комиссияи интихоботӣ булетени навро дода дар рӯйхати интихобкунандагон қайди лозимиро сабт мекунад. Булетени харобшуда аз роҳи гузоштани калимаи «харобшуда» (бекоршуда) бар паҳнои булетен бекор карда мешавад. Чунин булетен бояд ба канор гузошта шавад ва ба рӯйхати «булетенҳои харобшуда» (бекоршуда) дар Қарор (Протокол) ворид карда шавад.

## 1. ИНТИХОБКУНАНДАГОНЕ, КИ БА ЁРӢ НИЁЗ ДОРАНД

**Интихобкунандае, ки имкон надорад мустақилона барои гирифтани булетен имзо гузорад ва булетенро пур кунад, ҳуқуқ дорад аз ёрии интихобкунандаи дигар истифода кунад, ки узви комиссияи интихоботӣ, номзад, шахси бовариноки номзад ва нозир набошад.**

- Интихобкунандаи мӯҳтоҷ ба ёрӣ ҳақ дорад, ки мувофиқи хоҳиши худаш аз ёрии шахси дигар истифода намояд.
- Ба шахсе, ки ба чунин интихобкунанда ёрӣ медиҳад, масъулият ва ӯҳдадории вобаста ба ин ёриро фаҳмонед. Чунин шахс бояд:
    - танҳо мувофиқи интихоби интихобкунанда дар булетен қайд гузорад;
    - ҳангоми интихоби номзад ба интихобкунанда таъсир нарасонад;
    - сирри овоздиҳиро ҳифз карда, ин маълумотро, ки интихобкунанда чӣ гуна овоз дод, фош накунад.

## 2. ОВОЗДИҲӢ ДАР ХОРИҶ АЗ БИНОИ ОВОЗДИҲӢ Ё ОВОЗДИҲӢ БО ЁРИИ ҚУТТИҲОИ ИНТИҚОЛШАВАНДА

Комиссияҳои интихоботии маҳалла ӯҳдадоранд, ки имконияти овоздиҳии хориҷ аз биноро таъмин созанд. Интихобкунандагоне, ки ба рӯйхати интихобкунандагон дохил карда шудаанд, вале ба сабаби

беморӣ ё сабабҳои дигар наметавонанд ба бинои овоздиҳӣ биёянд, дар маҳалли қарордоштаи худ овоз медиҳанд.

- Овоздиҳӣ ба воситаи қуттиҳои интиқолшаванда фақат дар Рӯзи интихобот гузаронида мешавад. Дар ҳар маҳаллаи интихоботӣ фақат як қуттии интиқолшаванда истифода мешавад.
- Фақат ду узви маҳаллаҳои интихоботӣ бо ҳамроҳии шахсони боваринок ё нозирон овоздиҳӣ ба воситаи қуттиҳои интиқолшавандаро баргузор мегардонанд.
- То оғози овоздиҳӣ дар хориҷи маҳаллаи интихоботӣ раиси маҳаллаи интихоботӣ бояд ҳуқуқи шахси боваринокро эълон кунад ва нозирони аккредитатсияшуда ӯро ҳамроҳӣ карда, дар чунин намуди овоздиҳӣ назорат кунанд.

## АРИЗАҲО ДАР БОРАИ ОВОЗДИҲӢ ДАР ХОРИҶИ МАҲАЛЛАИ ИНТИХОБОТӢ

- Овоздиҳӣ дар хориҷ аз бинои овоздиҳӣ фақат дар асоси аризаи хаттӣ ё муроҷиати шифоҳӣ (даҳонӣ) ба амал меояд. Ариза ва муроҷиат мумкин аст ҳар вақте пас аз ташкили комиссия, вале на дертар аз 6 соат то анҷоми вақти овоздиҳӣ сурат гирад.
- Дар ариза бояд сабаби ғайриимкон будани ҳозир шудан ба бинои овоздиҳӣ, фамилияи интихобкунанда, маълумоти шиносномa ва ё гувоҳномаи шахсӣ ва нишонии зисти ӯ нишон дода шавад.

Ҳангоми сабти муроҷиати даҳонӣ вақти расидани он муроҷиат нишон дода шуда, имзои ҳамон аъзои комиссия, ки онро қабул кардааст, гузошта мешавад.

- Барои гузаронидани овоздиҳӣ ба воситаи қуттиҳои интиқолшаванда ба гурӯҳи ҳамроҳикунандаи қуттиҳои интиқолшаванда бояд аз тарафи раис маводи зерин вогузор шавад:
  1. Қуттии мӯҳршуда барои овоздиҳӣ.
  2. Аризаҳои интихобкунандагон барои овоздиҳӣ ба воситаи қуттиҳои интиқолшавандаи интихоботӣ ё ҳуҷҷатҳое, ки дархостҳои даҳонии онҳоро тасдиқ мекунанд, ки ба аъзоёни комиссияи интихоботӣ расидаанд.
  3. Теъдоди булетенҳо барорбар бо теъдоди аризаҳои пешакӣ додашуда ва дархостҳои даҳонии дар ҳуҷҷат сабтшуда.
- Дар рӯйхати интихобкунандагон дар сутуни имзоҳо бояд сабт кард, ки интихобкунандаи мазкур «дар хориҷ аз маҳаллаи интихоботӣ овоз дод».
- Дар баробари бозгаштан ба маҳаллаи интихоботӣ ба рӯйхати интихобкунандагон бояд теъдоди онҳое, ки бо воситаи қуттии интиқолшаванда овоз додаанд, рақами шиносномаи онҳо ё ягон ҳуҷҷати дигари муайянкунандаи шахсияти ӯ зикр шавад ва ҳамчунин бояд сабт шавад, ки интихобкунандагони мазкур «дар хориҷ аз бинои овоздиҳӣ овоз доданд».

# IX. БАСТА ШУДАНИ МАҲАЛЛАИ ИНТИХОБОТӢ ВА ТАШКИЛИ ҲИСОБИ ОВОЗҲО

## 1. БАСТА ШУДАНИ МАҲАЛЛАИ ИНТИХОБОТӢ

Маҳаллаҳои интихоботӣ дар соати 20.00 бегоҳ баста мешаванд

- Райиси комиссияи интихоботӣ ба ҳамаи узвҳои комиссия, шахсони боваринок ва нозирон дар бораи ба поён расидани овоздиҳӣ эълон мекунад.
- Ба интихобкунандагоне, ки наздикиҳои соати 8:00 ба маҳаллаи интихоботӣ омадаанд, иҷозат дода мешавад, ки овоз диҳанд.
- Ӯ ба нозирони аккредитатсияшуда ва шахсони бовариноки ҳузурдошта хабар медиҳад, ки ҳисоби овозҳо дар куҷо гузаронида мешавад.
- Мавод ва ҳуҷҷатҳое, ки ҳангоми ҳисоби овозҳо истифода намешаванд, бояд ҷамъоварӣ шуда, ба як тараф гузошта шаванд.
- Ҳамаи қуттиҳои овоздиҳӣ, булетенҳои истифоданашуда ва дигар маводи лозимро ба маҳалли ҳисоби овозҳо оред.
- Эҳтиёт шавед, ки чизҳои муҳимме ҳамчун қуттиҳои овоздиҳӣ ва булетенҳои истифоданашуда ҳамеша дар зери назорат бошанд.
- Яқин ҳосил кунед, ки ҳамаи маводи лозимӣ ба тартиби лозимӣ гузошта шудаанд ва агар ба шумо лозим шавад, ки ягон чизро ёбед, шумо ба осонӣ онро пайдо мекунед.

*Ёддошт: Дар маҳаллаҳои интихоботие, ки дар намояндагиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷ, дар санаторияҳо (осоишгоҳҳо), хонаҳои истироҳатӣ, беморхонаҳо ва дигар муассисаҳои муолиҷавӣ, дар ҷоҳои дурдасти сукунати шаҳрвандон, таъсис шудаанд, Комиссияи интихоботии маҳалла ҳар вақте метавонад дар бораи тамом шудани овоздиҳӣ эълон кунад, агар ҳамаи интихобкунандагони ба рӯйхат воридшуда овоз дода бошанд.(Моддаи 42)*

## 2. ТАШКИЛИ ҲИСОБИ ОВОЗҲО

Мизҳо ва курсиҳоро дар хонаи (утоқи) ҳисоби овозҳо тавре гузоред, ки ҷои кофӣ барои кор мавҷуд бошад. Барои аъзоёни комиссия бояд ҷои кофии кор мавҷуд бошад, ки онҳо тавонанд вазифаҳои худро иҷро кунанд.

Теъдоди муайяни мизҳо (ду ё бештар), ки бо ҳам пайваст карда шудаанд, бояд ҷои кофиро барои ҳисоби овозҳо таъмин намоянд.

То оғози ҳисоби овозҳо раиси комиссияи интихоботӣ бо муроҷиат ба ҳозирони дар хона (утоқ) буда, тартиби ҳисоби овозҳоро эълон мекунад. Ҳамзамон ӯ ҷои нишасти нозирон ва намояндагони воситаҳои ахбори умумро нишон медиҳад. Бо муроҷиат ба аъзоёни комиссияи маҳалла, ӯ як бори дигар ба риояти ҷиддии талаботи қонун ва тартибот даъват мекунад, ки дар дастури мазкур вобаста ба чораёни ҳисоби овозҳо пешбинӣ шудааст

- Нозирони аккредитатсияшуда ва шахсони боваринок мумкин аст дар масофате ҷойгир шаванд, ки битавонанд фаъолиятҳои комиссияро назорат кунанд ва тартиботро дар ҷои ҳисоби овозҳо дида тавонанд.
- Ба нозирон ва шахсони бесалоҳият иҷозат надиҳед, ки булетенҳоро ба даст гиранд.
- Фаромӯш накунед, ки булетенҳои истифоданашуда тавре нигоҳдорӣ шаванд, ки истифода аз онҳо номумкин бошад.

# X. ҲИСОБИ ОВОЗҲО ВА ТАҲИЯИ НАТИҶАҲО

Як қатор гишондодҳое мавҷуданд, ки то оғози овоздиҳӣ аз тарафи комиссияи интихоботӣ бояд риоят шаванд.

Аз ҳама муҳим он аст, ки сатрҳои лозимаи қарори натиҷаҳои овоздиҳӣ то кушодани қуттиҳои овоздиҳӣ пур карда шаванд.

## 1. То кушодани қуттиҳои овоздиҳӣ

- Теъдоди интихобкунандагонро аз рӯйхати интихобкунандагоне, ки дар интихобот иштирок кардаанд, муайян кунед ва онҳоро ба қарор (протокол) ворид созед.
- Теъдоди интихобкунандагонеро, ки ба рӯйхат изофа шудаанд, муайян кунед. Ин теъдодро эълон карда, ба қарор ворид кунед.
- Теъдоди интихобкунандагонеро, ки хориҷ аз ҳудуди маҳаллаи интихоботӣ овоз додаанд, аз роҳи ҳисоби навиштаҳои «дар хориҷ аз ҳудуди бинои овоздиҳӣ овоз додаанд» муайян ва ба қарор ворид созед.
- Теъдоди умумии интихобкунандагонеро, ки овоз додаанд, бо ҷамъбаст кардани теъдоди имзоҳо дар рӯйхати интихобкунандагон, миқдори интихобкунандагони изофашуда ба рӯйхат ва теъдоди навиштаҳои «дар хориҷ аз ҳудуди бинои овоздиҳӣ овоз додаанд» ва «пеш аз мӯҳлат овоз додаанд» муайян ва ба қарор ворид созед.
- Теъдоди булетенҳои додашуда ба интихобкунандагон дар ҳудуди маҳаллаҳои интихоботӣ ва берун аз онро бо ҷамъбаст кардани теъдоди умумии интихобкунандагони булетенгирифта ва теъдоди булетенҳои харобшуда муайян кунед. Ин рақамро эълон ва ба қарор ворид кунед.
- Булетенҳои истифоданашударо ҳисоб карда, кунҷи поёнии тарафи рости онҳоро бурида, бекор кунед. Теъдоди булетенҳои истифоданашуда эълон ва ба қарор ворид карда мешавад.

То кушодани ҳар қуттии овоздиҳӣ, Райис мӯҳру муми қуттиҳои овоздиҳиро санҷида, ба аъзоёни комиссияи интихоботӣ, шахсони ваколатдор ва нозирон имкон медиҳад яқин ҳосил кунанд, ки ба ин мӯҳру мумҳо даст расонида нашудааст.

Ҳеҷ кас аз аъзоёни комиссия, ки дар ҳисоби булетенҳо иштирок мекунанд, набояд дар даст асбобҳои нишонагузорро дошта бошад.

## 2. ҲИСОБИ БУЛЕТЕНҲО ВА ТАҲИЯИ НАТИҶАҲО

Ҳисоби овозҳои интихобкунандагон кушодаву ошкоро ва истисноан аз тарафи аъзоёни комиссияи интихоботӣ сурат мегирад.

Моддаи 46 Қонун пешбинӣ мекунад, ки ҳисобкунии овозҳои интихобкунандагон, вакилони интихобкунанда фавран баъд аз хатми овоздиҳӣ шурӯъ шуда, бе танаффус то муқаррар намудани натиҷаи овоздиҳӣ идома меёбад.

Ҳангоми иҷрои ҳамаи амалҳо аъзоёни комиссияи интихоботӣ бояд тавре кор кунанд, ки дақиқӣ ва ошкоро будани интихоботро таъмин намоянд.

Котиби Комиссияи интихоботӣ ӯҳдадор аст дар баробари муайян шудани натиҷаҳо қарорро дақиқ пур кунад.

**Тақсими булетенҳо ва муайян кардани булетенҳои беэътибор**

- **Қуттиҳои интиқолшаванда барои овоздиҳиро кушоед** ва намудҳои гуногуни булетенро мутобиқи навъи овоздиҳӣ гурӯҳбандӣ кунед.
- Булетенҳои муқаррарнашуда (берун аз меъёри муқарраршуда) ба ҳисоб гирифта намешаванд.
- Булетенҳои мазкур булетенҳои муқаррарнашуда ҳисобида мешаванд, чун мазмун ва шакли онҳо ба мазмун ва шакли булетенҳо мутобиқат намекунад. (Моддаи 46).
- **Булетенҳои муқаррарнашударо ҷудо карда,** онҳоро бе ҳисоб нобуд кунед.
- **Теъдоди умумии ҳар намуди булетенро** ҳисоб ва эълон кунед.
- Қуттиҳои **собит (сокин) барои овоздиҳиро** кушода, ҳамон тартиби санҷишро иҷро кунед.
- Вақте ки теъдоди умумии булетенҳои гирифташуда аз қуттиҳои интиқолшаванда ва собити овоздиҳӣ муайян мегардад, ва натиҷаи ҳисобо онҳо эълон мешавад, булетенҳо **барои назорат** ба ҳозирон пешкаш мешаванд.
- Ҳангоми ҳисоби ҳамаи намудҳои булетенҳо ба **тартиби зерин риоя кунед:**
- Булетенҳои гирифташуда аз қуттиҳои собит ва интиқолшавандаро мутобиқи намуди онҳо **гурӯҳбандӣ карда, онҳоро ба бастаҳо** тақсим кунед: «Бо рӯйхатҳои ҳизбӣ», «Ҳавза» ва «Маҷлисҳои маҳаллӣ».
- Ҳисобро аз бастаи «**рӯйхатҳои ҳизбӣ**» оғоз карда, дигар намуди булетенҳоро алоҳида дар ҷои намоён ба аъзоёни комиссия ва нозирон гузоред. Пас аз муҳосибаи булетенҳои «рӯйхатҳои ҳизбӣ» булетенҳои ҳавзаро ҳисоб кунед ва муҳосибаи овозҳоро бо булетенҳои «маҷлисҳои маҳаллӣ» анҷом диҳед.
- Булетенҳоро мутобиқи овоздиҳии гуногун ба **намояндагон/ҳизбҳои мухталиф, булетенҳои беэътибор ва булетенҳои баҳсомез** аз ҳам ҷудо кунед.
- Пеш аз ҳама лозим аст, ки боэътибор (мӯътабар, ҳаққонӣ) ва беэътибор (ғайримӯътабар, корношоям) будани ҳамаи **булетенҳои баҳсомез** мувофиқи нияти интихобкунанда муқаррар карда шаванд. Ҳангоми мавҷуд будани шубҳа дар

муайян кардани эътибори булетен бояд бо овоздиҳии аъзоёни комиссияи интихоботии маҳалла қарор қабул карда шавад. Шарҳи сабаби чунин амал дар пушти булетени беэътибор/баҳсомез навишта мешавад. Намунаҳои булетенҳои боэътибор низ оварда мешаванд.

- Сипас теъдоди **булетенҳои беэътиборро** ҳисоб карда, онро дар қарор қайд кунед.
- Ва ниҳоят, **шумораи овозҳои гирифтаи ҳар номзад ва ҳизбро бо навбат** ҳисоб кунед.

Теъдоди овозҳои гирифтаи ҳар номзад/ҳизбро ба қарор дохил кунед. Дар ҳолате, ки агар теъдоди овозҳо ба теъдоди умумии булетенҳои додашуда мутобиқат накунад, комиссия муқаррар мекунад, ки ҳисоби дубора зарур аст ё не.

Ба аъзоёни комиссияи маҳалла ба ғайр аз раис ва котиби комиссия иҷозат дода намешавад, ки ҳангоми ҳисоби овозҳо асбобҳои қобили навиштанро бо худ дошта бошанд. Дар айни ҳол, фаъолияти аъзоёни Комиссия ҳангоми ҳисоби овозҳо бояд барои ҳозирон кушода бошад.

## 3. ТАҲИЯ ВА ПЕШНИҲОДИ ПРОТОКОЛ

Таҳияи қарорҳо яке аз давраҳои бисёр муҳими интихобот ба ҳисоб меравад, аз ин рӯ он бояд дақиқ ва ботаваҷҷӯҳ сурат гирад. Раис ва ё узви дигари ваколатдори комиссияи маҳалла бояд қарорро бо ручка пур кунад. **Истифодаи қалам иҷозат дода намешавад.**

**Бисанҷед, ки оё маълумотҳои зерин ба қарор дохил карда шудаанд:**

- Теъдоди интихобкунандагон, қайдшуда дар рӯйхат ва аз ҷумла ба таври изофа.
- Теъдоди имзоҳо дар рӯйхати интихобкунандагон, ки булетен гирифтаанд.
- Теъдоди интихобкунандагон, ки пеш аз мӯҳлат овоз додаанд.
- Теъдоди умумии булетенҳои истифодашуда.
- Теъдоди умумии булетенҳои истифоданашуда.
- Теъдоди умумии булетенҳо дар қуттиҳо.
- Теъдоди булетенҳои ботилшуда.
- Теъдоди умумии булетенҳо, ки комиссияи маҳалла дарёфт кардааст.
- Теъдоди умумии булетенҳои боэътибор.
- Теъдоди булетенҳои беэътибор.
- Теъдоди булетенҳое, ки барои ҳар номзад ё рӯйхати номзадҳо овоз дода шудааст.
- Теъдоди овозҳои интихобкунандагон, ки бар зидди ҳамаи номзадҳо, ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ овоз додаанд.

Ба қарор бандҳои зерин низ бояд дохил карда шаванд:

а) Фамилия ва имзои раис, котиб ва аъзоёни дигар комиссия
б) Таърих ва вақти имзои қарор
в) Мӯҳри комиссияи интихоботӣ

г) Рӯйхати аризаҳо, шикоятҳо, актҳо (суратмаҷлисҳо) ва ҳуҷҷатҳои дигар, ки ба қарор илова карда мешаванд.

Протокол дар бораи натиҷаҳои овоздиҳӣ дар ду нусха таҳия гашта, аз тарафи аъзоёни комиссияи интихоботии маҳалла имзо шуда, таърих ва вақти имзои он қайд карда мешавад.

Протокол ҳамон вақт мӯътабар дониста мешавад, ки агар аз тарафи аксарияти аъзоёни комиссияи интихоботӣ имзо шуда бошад. Он аъзоёни комиссияи интихоботӣ, ки бо мазмуни қарор розӣ нестанд, ҳақ доранд, ки ба қарор ақидаи хосси худро замима карда сабаби норозигии худро зикр намоянд ва дар ин бора дар қарор мутобиқан қайд карда мешавад.

# XI. БАСТА ШУДАНИ МАҲАЛЛАИ ИНТИХОБОТӢ

**Таҳвили нусхаҳои қарор**

Пас аз пур кардани ҳамаи қарорҳо, аъзоёни маҳаллаи интихоботӣ бояд ҳамаи маводи асосии интихоботиро дақиқ бастабандӣ кунанд:

- Нусхаҳои нахустини қарор бояд якҷо бо дигар ҳуҷҷатҳои замимавӣ (шикоятҳо, қарорҳо ва ғ.) дар лифофа (конверт) андохта ва мӯҳр карда шаванд.
- Булетенҳои истифодашуда (боэътибор, беэътибор ва хароб) бояд рӯи ҳам гузошта шаванд ва бастабандӣ гардида, мӯҳр зада шаванд.
- Булетенҳои истифоданашуда ҳам бояд бастабандӣ шуда, мӯҳр зада шаванд.

Ҳуҷҷатҳои интихоботӣ бояд ба таври зерин тақсим шаванд:

- Нусхаи аввал якҷо бо ҳуҷҷатҳои интихоботӣ ба шумули булетенҳои интихоботӣ/аризаҳо/қарорҳо ва актҳое, ки комиссияи интихоботӣ тартиб додааст, бе чунучаро ба комиссияи интихоботии ҳавза фиристода мешавад.
- Нусхаи дувуми қарор то тамомшавии кори комиссия дар дасти котиб боқӣ мемонад.

# ВВЕДЕНИЕ

Данное учебное пособие предназначено для членов избирательных комиссий и имеет целью оказание помощи при осуществлении ими своих обязанностей. В его основе лежит избирательное законодательство Республики Таджикистан, положения и инструкции Центральной комиссии по выборам и проведению референдумов.

Закон «О выборах Маджлиси Оли Республики Таджикистан», принятый Парламентом и подписанный Президентом Республики Таджикистан 10 декабря 1999 года, внес изменения, связанные с выборами в двухпалатный парламент. Закон устанавливает независимость и нейтралитет избирательных комиссий, а также роль отечественных и международных наблюдателей, доверенных лиц и аккредитованных представителей средств массовой информации. Избирательные комиссии обязаны обеспечить их свободный доступ на заседания, а также разрешить им свободный контроль за ходом подготовки к выборам, процессом голосования, подсчетом голосов и окончательным результатом голосования.

Для обеспечения честности избирательного процесса необходимо следовать стандартным избирательным процедурам на всех избирательных участках в Таджикистане. Именно поэтому, данный учебник ставит своей целью обеспечение руководства о роли и ответственности членов избирательных комиссий во время голосования и подсчета голосов. Все члены избирательных комиссий должны ознакомиться с данным учебником и обращаться к нему как до, так и в день выборов. Процедуры, предусмотренные данным учебником, должны рассматриваться как неотъемлемая часть официальных положений и инструкций по проведению парламентских выборов в Таджикистане.

Общий результат процесса выборов во многом будет зависеть от работы членов избирательных комиссий. Необходимо подчеркивать, что орган, ответственный за проведение выборов является независимым, и поэтому, никто, включая представителей органов власти, не должен вмешиваться в проведение выборов. Члены избирательных комиссий имеют особую компетенцию и должны представлять только избирателей.

Примечание: Правовые формулировки в данном учебнике используются в соответствии с фразами, используемыми в статьях Закона. К примеру, если формулировка, взятая из статьи 1, будет представлена в виде (Статья 1).

**Председатель**
**Центральной комиссии по выборам**
**и проведению референдумов**
**Республики Таджикистан** **М. Болтуев**

# I. ГРАЖДАНСКАЯ ОТВЕТСТВЕННОСТЬ ЧЛЕНОВ ИЗБИРАТЕЛЬНЫХ КОМИССИЙ

Как на члена избирательной комиссии, на вас ложится очень важная ответственность во время выборов. Из всех лиц, участвующих в проведении выборов, вы будете непосредственно общаться с избирателями. Они будут смотреть на вас, когда будут голосовать в день выборов. От того, как вы будете выполнять свои обязанности в большой степени будет зависеть уровень доверия избирателей ко всему процессу выборов.

Помните, что с того времени, как вас назначили, вплоть до времени проведения выборов, ваша основная задача заключается в добросовестном служении в равной степени всем избирателям. **Вы должны отбросить свои личные взгляды и политические пристрастия.**

Член избирательной комиссии должен быть беспристрастным и нейтральным при осуществлении своих обязанностей. (Статья 18).

Это священная ответственность. Каждое ваше действие должно характеризоваться следующими важными стандартами:

- Принципиальностью
